# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Юсупов Шохин Раҳимбердиевич аз рӯи мавзӯи “Хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ).**

Тадқиқоти диссертатсионии Юсупов Шохин Раҳимбердиевич ба яке аз масъалаҳои мубрами забоншиносии тоҷик бахшида шудааст ва интихоби мавзӯъ актуалию саривақтӣ мебошад, чунки дар замони ҳозира таҳлили ҳартарафаи забонии асарҳои назм ва насри асрҳои гузашта муҳим буда, ҷарайёни инкишофёбии забони адабии тоҷикиро нишон медиҳанд. Масъалаи умдае, ки ба рисолаи “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ дахл дорад, ҳанӯз аз тарафи муаққиқон зери таҳқиқи дақиқ гирифта нашудааст ва аз ҳамин лиҳоз кори илмии унвонҷӯ якумин аст.

Зери назари тадқиқотчӣ масъалаи кушодани гиреҳи хусусиятҳои морфологии “Ҷомеъ-ут-таворих”-и Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ истода буд ва вай тавонист то ҳадду имкон онро корбаст намояд. Юсупов Ш.Р. матни асарро ҳартарафа омӯхта, тасниф намуда, ба системаи муайян даровардааст ва тамоми хусусиятҳои морфологиро аз рӯи маводи бойи асар муайян кардааст. Муаллиф ҳар як бобу қисмати корро бо мисолҳои зиёди матн шарҳ дода, хусусиятҳои ҳиссаҳои нутқро аз рӯйи қонуниятҳои категориявӣ ва воситаҳои грамматикӣ таъин намудааст. Инчунин корбасти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки Шоҳин Раҳимбердиевич то дараҷае бо таърихи халқи тоҷик, инкишофёбии забони адабии тоҷикӣ шинос аст ва дар ин замина ба хулосабарории аниқ соҳиб шудааст.

Таҳлили кори диссертатсионии Юсупов Ш.Р. нишон медиҳад, ки ӯ натиҷаҳои аниқро ба даст овардааст, яъне:

- аз рӯйи системаи муайян хусусиятҳои морфологии рисолаи Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонӣ “Ҷомеъ-ут-таворих”-ро ҳаллу фасл намудааст;
- маводи забонии бойро истифода бурда, хусусияти категориявии ҳиссаҳои нутқро муайян кардааст;
- ҷарайёни ташаккулёбии забони тоҷикиро дар даврaҳои муайяни таърихӣ аз рӯйи асари интихобшуда нишон додааст;
- умумият ва фарқияти хусусиятҳои сарфии рисолаи Рашидуддин Фазлуллоҳи Ҳамадонро аз осори дигари таърихие, ки бо забони тоҷикӣ-форсӣ таълиф шудаанд, таъин намудааст;
- пажӯҳиши хусусиятҳои сарфии асар барои таҳқиқоти минбаъдаи омӯзиши хусусиятҳои забонии осори таърихӣ замина мегузорад.
- дар асоси далелҳои забонӣ вазъияти забони адабии тоҷикро дар яке аз марҳилаҳои инкишофи забони тоҷикӣ (садаҳои XIII-XIV) муайян намудааст, ки ин устувории хусусиятҳои грамматикии забони тоҷикиро исбот менамояд.

Дар хулосаи автоферати диссертатсия ҷамъбасти андешаҳои илмии унвонҷӯ дар силсилабандҳо оварда шудаанд, ки мазмуни корро ба таври мухтасар ифода намудааст. Автореферат бо забони асосноки илмӣ ба тавсиб расидааст, ки моҳияти мантиқии илмии мавзӯъро дар худ таҷассум мекунад ва кори ба итмом расида ҳисоб меёбад.

Дар автореферати диссертатсия дар баробари комёбиҳо баъзе нуқсонҳое низ роҳ ёфтаанд, ки зикри чанде аз онҳо барои такмили минбаъдаи кори илмӣ хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Ҳангоми таҳлилу баррасии ҷанбаҳои морфологии осор дар баъзе саҳифаҳо мисолҳо нишон дода нашудааст (с. 8, 10 ва ғ).

2. Баъзе саҳифаҳои матни тоҷикӣ ва русии автореферат таҳрирталаб мебошанд (с.4, 6, 28, 34).

3. Дар автореферати рисола баъзе ғалатҳои имлоиву услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд (с. 12, 16, 19 ва ғ.).

Албатта, ин камбудиҳо он арзиши илмӣ ва амалиеро, ки диссертатсияи илмии Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич таҳти мавзӯи "Хусусиятҳои морфологии "Ҷомеъ-ут-таворих" дорад, ба ҳеҷ ваҷҳ кам нахоҳад кард.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопкардаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, аз рӯи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 020500.–Филология (6D020502 – забони тоҷикӣ) аст.

**Доктори илмҳои филология,**
**профессори кафедраи забонҳои шарқи**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ**
**ба номи М. Назаршоев** / **Аламшоев М.М.**

**Суроға: 736000 ш. Хоруғ, хиёбони**
**Ш. Шоҳтемур 109**
**тел. 934520925**
**e-mail. ru: mukbil07 mail.ru**

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи давлатии Хоруғ**
**ба номи М. Назаршоев** **Шабдолов Қ.**

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХОРУҒ ба номи М. НАЗАРШОЕВ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС